# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Мероси илмию адабии олимону мутафаккирони тоҷику форс то ба имрӯз арзиши баланди худро нигоҳ доштааст, зарурати таҳқиқи амиқ ва ҳаматарафи шахсияти шахсони бузург, омӯзиши осори илмиву адабии онҳо дар эҳёи анъана ва урфу одатҳои гузаштагон, худшиносиву худогоҳии мардум, ташаккул ва бунёди оилаи солиму намунавӣ барои баланд бардоштани сатҳи донишу фарҳанг, ахлоқу маънавиёт, истеъдоду маҳорат нақши калон мебозад.

Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки инсоният дар ҳама давру замон ба омӯзишу тарбия ниёз дорад ва анъанаи омӯзонидану тарбияи наслҳо аз гузашта то ба имрӯз мерос монда, дар оянда низ давом мекунад, зеро насли ҷавон барои пеш бурдани ҳаёти оқилонаи худ, барои соҳиб шудан ба касб ва малакаҳои касбӣ, донишу маърифат ба мураббиву ғояҳои оиладорӣ эҳтиёҷ дорад.

Бинобар ҳамин, бо назардошти хусусиятҳои навгонии таҳсилоти ватанӣ омӯзиши пурра, таҳлили воқеият ва истифодаи эҷодкоронаи афкори таърихию педагогии гузаштагон, ки дар он мақоми махсуси тарбиявии оила, нақши оила дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ мақоми намоён дорад, ниҳоят муҳим мебошад.

Аз ин рӯ, муҳаққиқ ба ғояҳои пешқадами педагогии мутафаккирони бузурги халқи тоҷик Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ такя намуда, оид ба масъалаҳои тарбияи оилавӣ, аз он ҷумла ташаккули арзишҳои оиладорӣ коркард намуда, таърихи ташаккул ва рушди афкори педагогии

халки тоҷик, ҷойгоҳи оила, тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладориро дар мероси гузаштагони асри XI ҳамаҷониба таҳлили илмӣ кардааст.

Бо назардошти дараҷаи коркарди мавзуъ ва ҳолати кунунӣ мухолифатҳои зерини ин проблемаро ошкор намудааст:

- миёни неруи бузурги мероси пуркиммати мутафаккирони халки тоҷики асри XI зимни арзишҳои оиладорӣ ва афзудани талабот ба оилаи муосир дар заминаи ташаккули чунин арзишҳо;
- миёни равандҳои муттасил вусъатёбандаи ҷаҳонишавӣ ва бухрони шадиди демографӣ, ки пайваста ба пойдории оилаи муосир хатар бунёд мекунад ва нокифоягии консепсияи илман асосноки арзишҳои оиладорие, ки дар заминаи афкори педагогии мутафаккирони халки тоҷик оиди арзишҳои оиладорӣ;
- миёни робитаи пайвасти таърихии суннатҳои оиладории ниёгон ва арзишҳои оилаи муосири тоҷик ва зарурати асосноксозии илмии таъмини ҳамбастагии онҳо дар раванди бунёди оилаи намунавӣ.

Унвонҷӯ барои ҳаллу фасли ин мухолифатҳо ва ба максади таҳкикот ноил шудан масъалаҳои зерини таҳкикотро ҳал кардааст:

- ошкорсозии мазмун ва мундариҷаи ғояву акидаҳои педагогии мутафаккирони халки тоҷики асри XI;
- муайянсозии ҷойгоҳи маҷмуи арзишҳои оиладорӣ дар ғояву акидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷики асри XI;
- воситаҳои амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷики асри XI дар бунёди оилаҳои солими муосири тоҷик;
- амалан санҷидани таъсирбахшии коркарди пешниҳодгардида барои бунёди оилаҳои солими муосири тоҷик.

Дар ин замина навгониҳои илмии таҳкикот чунинанд:

- мазмун ва мундариҷаи ғояву андешаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халки тоҷикро оиди арзишҳои оиладорӣ ошкор намудааст;

- ҷойгоҳи арзишҳои оиладориро зимни ғояву ақидаҳои мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик муайян кардааст;
- роҳу воситаҳои истифодаи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷикро барои бунёди оилаи солими муосир коркард кардааст;
- амалан беҳдошти коркарди пешниҳодгардидаро дар бунёди оилаи солими муосир санҷидааст.

Ҷунин натиҷаҳои бадастомада ифодагари мустақилият ва мантиқи кори таҳқиқотии бaанҷомрасида аст ва ҳамаи хулосаҳо боэътимод мебошанд.

Аз диди талаботҳои мавҷуда кори таҳқиқотии мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ буда, муаллифи он Олимов Тағойбек Шодиевич сазовори ин дараҷаи илмӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, профессори кафедраи
алгебра и геометрияи МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носир Хусрав» Сатторов Абдурасул Эшбекович

Маълумот барои тамос:
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»
Адрес: 735140, Ҷумхурии Тоҷикистон,
ш.Бохтар, к. Айни, 67
Тел.: (+992) - 98 767-57-73, asattorov50@mail.ru

Имзои д.и.п., профессор Сатторов А.Э. –ро тасдиқ менамоям:

*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси*
*МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар*
*ба номи Носири Хусрав»* *Шукурзод Ҷ.А.*